**КАРОРИ**
**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 оид ба ҳимоя (доктори PhD) ва рисолаҳои номзадӣ дар Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон**
**аз 27 январи соли 2023**

Пас аз шунидан ва муҳокима намудани маърӯзаҳои довталаб Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар мавзӯи: «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, баромади роҳбари илмӣ Файзулло Машраб Қурбоналӣ, муқарризони расмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов Аврор Бобоевич, номзади илмҳои иқтисодӣ Мирзораҳимов Неъматҷон Тоҳирович, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, инчунин дигар тақризҳо ва баромадҳои мутахасисон: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов З.С., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳматзода Ҳ.Б., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ашуров И.С., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Комилов С.Ҷ. ва дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, инчунин хулосаи қабулкардаи шурои диссертатсионӣ оид ба диссертасия дар бораи асоснокӣ, аҳамияти илмӣ, нав будан ва хулосаҳое, ки дар диссертасия баён шудаанд, инчунин аз руйи натиҷаи мақолаҳои чопшуда:

**КАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар мавзуи: «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;
3. Ба Ятимов Амирхон Ҷурахонович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Ятимов Амирхон Ҷурахоновичро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Кӣ ҷонибдори қарори шурои диссертатсионӣ аст, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Муқобил - нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффакият ҳимоя намудани рисолаи номзадияш табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои шуро барои

ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос  намоям. Бо ҳамин, ҷаласаи шуро пӯшида эълон карда мешавад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **С.Ҷ. Комилов**

**Котиби шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **И.Р. Раҷабова**